**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович дар мавзӯи "Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ**

Солҳои охир ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи таърихи забони адабии тоҷики таваҷҷуҳи бештаре зоҳир мегардад. Осори адабии классикии форсии тоҷикӣ барои таҳқиқу баррасии забони адабии мо арзишмандтарин мавод маҳсуб меёбад. Беҳуда нест, ки ин ду соҳа, яъне забоншиносӣ ва адабиётшиносиро як мафҳум – филология муттаҳиду муаррифӣ мекунад.

Асрҳои XIII-XIV яке аз даврҳои душвортарини рушди забони адабист, зеро рӯйдодҳои зиёди таърихӣ ва воқеаҳои сиёсиву адабӣ аз як тараф, ва аз тарафи дигар, офарида шудани ёдгориҳои гуногуни хаттӣ, асарҳои бадеӣ, илмиву мазҳабӣ боиси он шуданд, ки хусусиятҳои лексикиву грамматикӣ ва услубии хоси ҳар яке аз онҳо барои муайян намудани тасвири умумӣ ва рушди забони адабии форсии тоҷикӣ душворӣ меоварданд.

Муаллифи диссертатсия дар пеши худ мақсад гузоштааст, то рушду таҳаввули забони адабии тоҷикиро дар асри XIII бо баррасии хусусиятҳои лексикиву семантикӣ ва сохтории яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои таърихии ин давра «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ муайян намояд. Ин асар бар пояи манбаъҳои халқҳои гуногун ва таърихи навишташуда ва ахбори шифоҳии халқҳои дигар офарида шуда, баъзе аз ин манбаъҳо то замони мо расидаанд, ки ҷойгоҳи ин асарро бештар месозад. Чун ин асар на танҳо барои омӯзиши таърихи тоҷикон манбаи асилест, балки барои таҳқиқи таъриху маданияти мардуми Хитой, муғул, уйғур ва дигар қавму қабилаҳои туркӣ аҳамият дорад, аз ин рӯ омӯзиши забони адабии он ҳам барои боз ҳам беҳтар дарк кардани мақоми тоҷикон ва махсусан забони тоҷикӣ дар он аҳд аҳамияти калонро касб мекунад. Чун сарчашмаҳои асосии омӯзиши таърихи забони тоҷикӣ ёдгориҳои хаттӣ мебошанд, **навоварии таҳқиқот** ҳам дар ин зоҳир мегардад, ки дар таърихи забоншиносии тоҷик бори нахуст дар шакли диссертатсияи алоҳида хусусиятҳои лексикӣ, семантикӣ ва калимасозии рисолаи таърихии «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ таҳқиқ гашта, ҷанбаҳои лексикологии забони ин асар дар ташаккули насри таърихии форсии тоҷикӣ муайян мегардад. Омӯзиши ёдгориҳои таърихиву адабӣ аз он ҷиҳат ҳам муҳим арзёбӣ мегардад, ки онҳо имкон медиҳанд, ки хронологияи зуҳуроти забоншиносӣ, ки дар ёдгориҳо қайд шудаанд, муқаррар карда шаванд. Ҳангоми таҳлили матнҳои қадима бояд дар назар дошт, ки шакли хаттии онҳо одатан аз рушди нутқи зинда ақиб мемонд ва аз ин рӯ, бисёр тағйирот дар забони зинда муддати тӯлонӣ сабт нашуда буданд, зеро нусхабардорон ҳатман талаффузи замони худро риоя мекарданду менавиштанд. Аз ин хотир рӯ овардан ба сарчашмаҳои таърихиву бадеии

асримиёнагӣ ва муайян намудани хусусиятҳои забонии онҳо кори ниҳоят сангин мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва хулоса иборат аст.

Дар боби аввал – **«Баррасии таркиби луғавии «Ҷомеъ-ут-таворих» аз рӯйи баромад»** муаллиф дар бораи вожаҳои умумиэронӣ дар асар, калимаҳои иқтибосии арабӣ, калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ ва дар қисмати охирон дар бораи таркиби луғавии асар аз нигоҳи этникӣ маълумот медиҳад. Аз таҳқиқот дар ин мавзуъ бармеояд, ки муносибати байни забонҳо ва фарҳангҳо дар ташаккули системаи лексикии ҳар як забони миллӣ нақши махсус мебозад. Забони тоҷикӣ ҳам аз ин раванд истисно буда наметавонад, зеро қисмати муҳими фонди луғавии ин забонро калимаҳои иқтибосӣ ташкил медиҳанд.

Дар се фасли боби дувум - **«Таҳлили қабатҳои лексикию семантикии таркиби луғати асар»** муҳаққиқ серманъноии вожаҳо, муродифот ва антонимҳои «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро таснифу ташреҳ дода, муҳимтарин хусусиятҳои луғавии онҳоро мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Хусусиятҳои калимасозӣ дар асар”** ном дорад. Дар ин боб тамаркузи аслии муаллиф ба вожасозӣ буда, махсусан калимасозии пасвандӣ ва тарзи мураккаби калимасозӣ дар асоси шавоҳиди ба дастомада аз “Ҷомеъ-ут-таворих” равона шудааст. Фасли якуми боби сеюм “**Пасвандҳои калимасоз дар асар**” номгузорӣ шуда, нақши калимасозии пасвандҳои **-а, -гор, гар, -ор, -иш, -чӣ, -истон, -зор, -гоҳ, -зор, -ин/-гин** дар асари мавриди таҳқиқ муайян гардидааст. Фасли дуюми ин боб «Калимаҳои мураккаб дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ном дошта, дар ду зерфасли он дар мавриди калимаҳои мураккаби пайвасту калимаҳои мураккаби тобеъ изҳори назар шуда, ҷойгоҳи хоса доштани онҳо дар асари мазкур таъкид мегардад.

Дар **Хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои кори анҷомдодашуда ҷамъбаст гардидаанд. Хулосаҳои муаллиф мушаххасу илмӣ буда, вазифаву ҳадафҳоеро, ки дар муқаддима қайд шудаанд, куллан таҷассум менамоянд.

Аз таҳқиқоти мазкур аён мегардад, ки бо вуҷуди ҳамлаҳои харобиовари муғулҳо дар ин асрҳо, рушди забони тоҷикӣ қатъ нашудааст, баръакс, адибони тоҷик на танҳо дар қаламрави халқҳои форсизабон, балки берун аз он низ ба офаридани асарҳо ба забони тоҷикӣ даст заданд ва асарҳои мондагори бадеӣ, ахлоқӣ, таърихӣ, динӣ ва фалсафиро эҷод кардаанд. Ҳуҷуми муғулҳо ба унвони яке аз муҳимтарин ҳодисаҳои таърихи мардуми мо, тамоми рукнҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангии он замонро таҳти таъсири хеш қарор дод. Мардуми муғул аз тоифаи биёбонгард маҳсуб ёфта, чизе арзишманде надоштанд, ки ҷойгузини фарҳанги тоҷикӣ кунанд, маҷбур дар масири фарҳанги қадимаи мо по ниҳанд ва маҳз ба василаи забону адаби форсии тоҷикӣ худро муаррифӣ менамуданд. Диссертатсияи мазкур ҳам дар баробари арзиши илмии тахассусӣ доштанаш, тарафҳои дигари масъалаҳои марбут ба он замонро барои хонанда равшан мегардонад.

Ба хотири боз ҳам тақвият ёфтани корҳои минбаъдаи муаллиф чанд нуктаро ба унвони пешниҳод таъкид менамоям, ки ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар зерфасли алоҳидаи боби аввал мухтасаран дар бораи паёмадҳои ҳамлаи муғулон ба сарзамини тоҷикон ва махсусан таъсири онҳо ба рушди забони тоҷикӣ маълумот медод.
2. Маълум аст, ки халлоқияти адибон нақши муҳимме дар рушду тавсеаи ҳар забони адабии миллӣ дошта, муҳити фарҳангиву ҳаёти маишии замонро ба риштаи тасвир мекашад. Бо такя ба ин андеша, ба фикри мо агар муаллиф ба таҳқиқи лексикаи ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳанги маънавӣ (вожагони мазҳабӣ, марбут ба хонаводагӣ, шикор, лексикаи идориву низомӣ, сиёсиву иҷтимоӣ) дар асари «Ҷомеъ-ут-таворих» дар зерфасли алоҳида мепардохт, арзиши илмии кор боз ҳам баландтар мешуд.

Диссетатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович дар мавзӯи “Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мебошад.

**Мудири шуъбаи забонҳои помирии**
**Институти илмҳои гуманитарии ба**
**номи академик Б.Искандарови**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои филология** **Холиқназарова**
**Сакина Хуҷаназаровна**

**20.08.2021**

**Нишонӣ:**
**736001, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,**
**ш.Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 4.**
**Почтаи электронӣ: sakina_83@mail.ru**
**Телефон: (+992) 931569025**

**Имзои Холиқназарова С.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови АМИТ** **Назаршоева Ч.Р.**